**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-059-и**

**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Мирзоев Садриддин Талбакович дар мавзӯи «Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Пурраву возеҳ ошкор сохтани табиати ҳар ҷиноят масъалаест, ки дар раванди ҳама таҳлилу муҳокимаҳои судӣ, ҳамчун маҳаки асосӣ ва муҳими қазовату хулосабарориҳо ба миён меояд. Бояд гуфт, ки ин мушкилоту муаммоҳо ҳамешагӣ буда, бо тағйири сохти ҷамъият, пешрафту тараққӣ ва иваз гардидани арзишҳо ба шаклу сурати дигар ҷилвагар мешаванд.

Рисолаи номзадии унвонҷӯ Мирзоев Садриддин Талбакович, ки ба мавзӯи “Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” бахшида шудааст, яке аз масъалаҳои хеле печидаву мураккаби илми ҳуқуқшиносӣ, ба ҳисоб меравад. Аммо бояд таъкид кард, ки ҳамон давлате муваффақтарини кишварҳои дунё ҳисобида мешавад, ки бо доштани конститутсияи посухгӯ ба ҳар суоле адолати иҷтимоиро таъмин кунад.

Ба ин маънӣ рисолаи номзадии Мирзоев С.Т. бо унвони “Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” яке аз масъалаҳои муҳиму рӯзмарраи ҳуқуқшиносӣ буда, шоистаи таҳсин аст. Муҳимтар аз ҳама, чунин таҳқиқоти шоиставу ҷиддӣ кафолати падид омадани дастурҳои комил барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мегарданд, ки мутаассифона, ҳанӯз ҳам ниёзманди чунин маводанд. Бахусус, масъалаи ҷарима ва

татбиқи он ҳанӯз ҳам дар қонунгузории тоҷик ба таври бояду шояд омӯхта нашудаву интизори пажӯҳиш аст.

Аз ин нуқтаи назар рисолаи номзадии Мирзоев С.Т. дар мавзӯи “Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз аҳамияти зиёди илмию амалӣ бархӯрдор аст. Ҳамон гуна, ки аз мутолиаи фишурда (автореферат) возеҳ мегардад, рисола дар сатҳи баланди илмӣ иншо гардидааст, ки воқеан, дар дастраси умум қарор гирифтани он амри хеле муфид хоҳад буд.

Унвонҷӯ дар муқаддимаи кор доир ба муҳиммияти мавзӯи мавриди назар, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ ва масоили мундариҷавии кори илмӣ маълумот додааст.

Боби аввал бо номи “Ҷарима дар таърихи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ва мамлакатҳои хориҷӣ” фарогири ду зербоб аст. Дар он масоили ҷарима дар таърихи қонунгузории ҷиноятии замони шӯравии Тоҷикистон ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷарима ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ, ба анҷом расонида шудаанд.

Боби дуюм бо номи “Танзими ҳуқуқии ҷарима тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз чор зербоб иборат аст, ки дар он масоили мафҳум ва моҳияти ҷарима ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ, танзими қонунии андозаи ҷарима, тартиб ва меъёрҳои ҳисоби он, ҷарима ҳамчун чораи ҷазои иловагӣ ва аз тарафи судҳо татбиқ гаштани ҷарима ҳамчун намуди ҷазо, баррасӣ гардидаанд.

Боби сеюм “Масъалаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар намуди ҷарима” фарогири ду зербоб мебошад, ки дар онҳо масоили тартиби иҷрои ҷазо дар намуди ҷарима ва саркашӣ намудан аз пардохти ҷарима ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ, таҳлил карда шудаанд.

Тавре ки дар автореферат мушоҳида шуд, масоили матраҳгардида аз сӯи унвонҷӯ ба таври куллӣ муваффақона ҳаллу фасли худро ёфтааст. Ба назар мерасад, таҳқиқоти Мирзоев С. дар мавзӯи “Ҷарима ҳамчун ҷазо

ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” кори мукаммал ва анҷомёфта буда, дар сатҳи баланди илмӣ иншо шудааст. Бидуни шак, рисола аз аҳамияти зиёди илмӣ бархӯрдор буда, барои донишҷӯёну пажӯҳишгарони риштаи ҳуқуқшиносӣ ҳамчун маводи илмии комил буда метавонад.

Ягона эроде, ки метавон ба унвонҷӯ гирифт, ба назари мо, маҳдуд шудани унвонҷӯ ба қонунгузории ҷиноятии давлатҳои собиқ Иттифоқи Шӯравӣ аст, ки зоҳиран тафовути хеле ночизе доранд. Хуб мебуд, агар муаллиф дар баробари ин ҳама, ба масъалаи татбиқи ҷарима дар қонунгузории кишварҳои бо сохтори сиёсии гуногун, ки пойбанди суннатҳову анъанаҳо ҳастанд, низ ишорае медошт.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Мирзоев Садриддин Талбакович фарогири пурраи муҳтавои рисола буда, дар он масъалаҳои гузошташуда аз лиҳози илмӣ пайдарпай баррасӣ гардида, мантиқан ҳаллу фасл шудаанд ва сазовори баҳои баланд аст.

Таҳқиқоти Мирзоев Садриддин Талбакович дар мавзӯи “Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” як кори бунёдӣ буда, комилан ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мирзоев Садриддин Талбакович сазовори дарёфтаи дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**дотсенти кафедраи фанҳои ҳуқуқи давлатии**
**Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон** **Тулиев И.Р.**

**«Имзои Тулиев И.Р.-ро тасдиқ мекунам»**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон** **Алиев А.Ҷ.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, кӯчаи МирзоТурсунзода, 30. Тел.: (+992 237) 221-35-50. E-mail: pektora@mail.ru